# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шурои диссертатсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович дар мавзуи «Вазъияти муосир ва дурнамои рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия (солҳои 2012-2023)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи и́хтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ.

1. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих), ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, тахти № 24/шд тасдиқ гардида, (бо тағйири ҳайат аз 31-уми майи соли 2024, тахти №167/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

2. Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи *муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих)* мутобиқ мебошад. Дар қарни XXI дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ ҳамкориҳои сиёсии давлатҳо дар ҳолати шаклгирии сифатан нав қарор доранд. Дар шароити муосири равандҳои ҷаҳонишавӣ дар баробари демократикунонии ҳаёти иҷтимоӣ рушди имконоти техникӣ ва иттилоотӣ, робитаҳои ҳамаҷониба ҳар чи бештар рӯ ба афзоиш ниҳода, дар низоми равобити байнидавлатӣ низ раванди амиқи ҳамкориҳои давлатҳо ба амал меояд, ки тамоюли рушди ҳамкориҳои байни мамлакатҳоро тақвият мебахшад.

Бояд таззакур дод, ки дар оғози асри XXI Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди шакли нави низоми муносибатҳои давлатӣ ба комёбиҳои беназир ноил гардид. Тавре таҷрибаи муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон бо давлатҳои ҳамсояи туркзабони Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Туркия нишон медиҳад, дар тули асрҳо алоқаҳои анъанавие ба вуҷуд омадаанд, ки бо хусусиятҳои худ дар қиёс ба дигар самтҳои робитаҳои таърихӣ фарқ мекунанд. Дар ин замина, муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия, ки ягона кишвари ғайритуркзабон дар Осиёи Марказӣ аст, ба таври фаъолона рушд мекунанд. Омӯзиши ин мавзуъ дар Тоҷикистон махсусан аз он ҷиҳат муҳим аст, ки Туркия аввалин давлати дунявии мусулмониест, ки дар пояи дунявияту

истиқлолият рушд ёфта, дар низоми ҳамкориҳои байналхалқӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ба комёбиҳои зиёд ноил гардидааст.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва муқарарроти диссертатсия дар 4-адад мақолаҳои ба нашррасидаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳги №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023 № 295) тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

4. Диссертатсия ба талаботи банди 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳги №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023 № 295) тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар равобити дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия саҳифаи наверо кушода, дар раванди таълим ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назарӣ ва амалии паҳлуҳои гуногуни ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар солҳои 2012–2023 марбут мебошанд, ки аҳаммияти стратегии ин самтро барои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа муайян мекунанд. Равобити ҳамаҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия барои ҳарду ҷониб мусбат баҳогузорӣ мешавад ва ин муносибот нақши ҳарду кишварро дар минтақа тақвият мебахшад.

6. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович маълумоти ғайрисаҳеҳ дида намешавад.

Диссертатсияи Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович дар мавзуи «Вазъияти муосир ва дурнамои рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия (солҳои 2012-2023)», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои таърих – аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин тавсия карда шаванд:

- **Комилова Хосият Ғуфроновна** - доктори илмҳои таърих, профессор, сардори раёсати илм, инноватсия, робитаҳои байналмилалӣ ва табъу нашри филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;
- **Шарофов Эраҷ Умрибоевич** – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ;

Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон таъин карда шавад.

Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи ДМТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович дар мавзуи «Вазъияти муосир ва дурнамои рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия (солҳои 2012-2023)», ки ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих – аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ пешниҳод шудааст, баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович дар мавзуи «Вазъияти муосир ва дурнамои рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия (солҳои 2012-2023)», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих - аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳақиқони зеринро, ки корҳои илмӣ – таҳқиқиашон ба ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ мувофиқат дорад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Комилова Хосият Ғуфроновна** - доктори илмҳои таърих, профессор, сардори раёсати илм, инноватсия, робитаҳои байналмилалӣ ва табъу

нашри филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

- **Шарофов Эраҷ Умрибоевич** – номзади илмҳои таърих, дотсент; мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ;

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон тавсия дода шавад;
4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи дисертатссия дар сомонаҳои ДМТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷуҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи даснавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ ____________ Латифов Ҷ.Л.

**Аъзои комиссияи экспертӣ**:
доктори илмҳои сиёсӣ,
узви шурои диссертатсионӣ ____________ Муродова Н.С.

доктори илмҳои таърих, и/в профессор,
узви шурои диссертатсионӣ ____________ Турсунов Т.Х.

19.08.2025